# TAJIK STATE UNIVERSITY OF COMMERCE

**Course:** **Main directions for the development of human capital in the context of the digital economy in the Republic of Tajikistan**

## Week: 16.

## PROCESSES OF HUMAN CAPITAL FORMATION AS A KEY FACTOR IN THE INNOVATIVE DEVELOPMENT OF PROFESSIONAL MANAGEMENT

**Rustamzoda Fitrat Muzafar**

***Lecturer of:*** Processes of human capital formation as a key factor in the innovative development of professional management

# Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

**Номи курс: Самтҳои асосии рушди сармояи инсонӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**




## Мавзӯъи: 16

**РАВАНДҲОИ ТАШАККУЛДИҲИИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ АСОСИИ РУШДИ ИННОВАТСИОНИИ МЕНЕҶМЕНТИ КАСБӢ**

***Рустамзода Фитрат Музафар***

# НАҚШАИ ЛЕКСИЯ

## 1. Муқаддима

16.1. Ташаккули рушди сармояи инсонӣ дар рушди инноватсионии менеҷменти касбӣ

16.2. Хусусиятҳои асосии рушди сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ

16.3. Омилҳои асосии рушди инноватсионии менеҷменти касбӣ дар иқтисодиёт

## 2. Хулоса

Ҷамъбасти мавзуъ.

# Мақсади лексия:

Раванд, инноватсия, менеҷмент, касбият, сармояи инсонӣ, такмил, ҳамкорӣ, хусусиятҳо, давлат, рушди сармояи инсонӣ, низоми маориф, рушди сармояи инсонӣ ва афзалиятҳои он, сармояи инсонӣ ва омилҳои таъсиргузор дар шароити муосир, механизми такмилдиҳии сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ.

# Ташаккули рушди сармояи инсонӣ дар рушди инноватсионии менеҷменти касбӣ

Дар шароити муосир иқтисодиёт ва рушди глобалии бозори ҷаҳонии молу маҳсулот ва бозори меҳнат рақобатпазириву устувории рушди стратегии ин ва ё он давлат ва ё ширкату корхонаҳо дигар аз техникаву технологияи баланду сарватҳои табиӣ кам вобастагӣ дошта, аслан аз мавҷудияти зеҳнҳои баланди соҳибистеъдоду тавонманди касбиву ҳунарӣ, бахусус мутахассисони ҳирфаӣ вобастагии калон дорад.

# Ташаккули рушди сармояи инсонӣ дар рушди инноватсионии менеҷменти касбӣ

---

Иқтисодиёте, ки мо ҳоло дар муҳити он зиндагӣ дорем, иқтисодиёти рақамӣ буда, аз мо омоданамоии босифати маҳсулот, дастрасии саривақтии маҳсулот, мубодилаи саривақтии маҳсулот ва истифодаи самараноки онро талаб менамояд, ки ин пеш аз ҳама вобаста аст ба мутахассиси ҳирфаие, ки дорои истеъдоди баланд, ҳунари воло ва маҳорати баланди касбию ҳунарӣ дошта бошад.

# Ташаккули рушди сармояи инсонӣ дар рушди инноватсионии менеҷменти касбӣ

Яъне одамонро фаъолмандиашон, тавонмандиашон, донишмандиашон ва касбу ҳунарашон ҳамчун захира ва омили асосии идоракунии ояндаи оила, ширкат, минтақаҳо ва давлатҳо гаштаанд. Аз ин нуқтаи назар, омӯзиш, донистану эҳтироми истеъдодҳои баланди ақлонӣ-зеҳнӣ ва истифодаи дурусти мақсадноки он яке аз вазифаҳои муҳими имрӯзаи иқтисодиёт ва ҳатто таъмини бехатарии сиёсӣ ва рушди устувори иқтисодиву иҷтимоии замони муосир гаштааст[1].

1. Давлатов С.Н. Идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳонишавии иқтисодӣ, Диссертатсия. Душанбе 2022, саҳ 119.

# Ташаккули рушди сармояи инсонӣ дар рушди инноватсионии менеҷменти касбӣ

Таҳлили адабиёти илмии иқтисодӣ нишон медиҳад, ки асосҳои ташаккулёбии консепсияи сармояи инсонӣ, аз ҷумла ғояи муҳиммияти қувваи корӣ, қобилиятҳои инсон, саводнокии он дар рушди боигарии мамлакат ва аҳолии он дар асарҳои асосгузорони назарияи иқтисодии классикӣ таҳқиқ карда шудааст[1].

1.Хайкин М.Н. Эволюция теории человеческого капитала. –Эл. Ресурс: режим доступа: https://ner.ru/news

# Ташаккули рушди сармояи инсонӣ дар рушди инноватсионии менеҷменти касбӣ

Аксарияти мамлакатҳои тараққикарда сиёсати иқтисодии хешро ба рушди сармояи инсонӣ равона намудаанд, зеро дар ҳолати омода намудани мутахассисони баландихтисоси ҷавобгӯй ба талаботи бозори меҳнат метавонад дар рушди иқтисодиёти мамлакат саҳми арзандаеро гузоранд.

Олимону муҳаққиқони соҳа баъди таҳлилҳои илмии хеш ба хулосае, омаданд, ки дар ҳолати дуруст омода намудани мутахассисон ва сармоягузорӣ намудан ба сармояи инсонӣ метавон ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил гардида, афзалиятҳои мусбати сармояи инсониро ба рушди дарозмуддати иқтисодӣ таъмин намуд.

# Ташаккули рушди сармояи инсонӣ дар рушди инноватсионии менеҷменти касбӣ

Дар шароити муосир рушди ташкилотҳои хориҷию ватанӣ шаҳодати он аст, ки сармояи инсонӣ яке аз захираҳои асосӣ ба шумор рафта, ҳама гуна муваффаққиятҳо ва навовариҳо аз гурӯҳи шахсоне вобаста мебошад, ки онҳо тавлидкунандаи ғояҳои нави инноватсионӣ мебошанд. Барои чунин ташкилотҳо шахсоне лозим мебошанд, ки тавонад бо доштани қобилиятҳои эъҷодӣ молҳоеро тавлид намоянд, ки дар баробари дигар молҳо рақобатпазир бошанд.

# Ташаккули рушди сармояи инсонӣ дар рушди инноватсионии менеҷменти касбӣ

Ба ақидаи олимони соҳаи иқтисодиёт Мануэлли, Сешадри, Лукас ва Ҷонс сармояи инсонӣ дар рушд ва ташаккули иқтисодии кишварҳои гуногун нақши ҳалкунанда дорад.

Дар шароити муосир фаъолият намудани шахс бештар аз донишу истеъдод, малакаю маҳорат, қобилияти эҷодии ӯ вобаста буда, аз донишгоҳу донишкадаҳое, ки шахс дар он ҷойҳо таълим ва тарбия фаро гирифта буд, сарчашма мегирад.

# Ташаккули рушди сармояи инсонӣ дар рушди инноватсионии менеҷменти касбӣ

Ба монанди консепсияҳои дигари иқтисодӣ, ғояи сармояи инсониро дар корҳои илмии А.Смит мушоҳида кардан мумкин аст, ки таҳсилотро бо сармоягузорӣ ба таҷҳизот муқоиса намуда аст: «Вақте ки як мошини қиматбаҳо сохта мешавад, интизор меравад, ки ҳаҷми бузурги коре, ки он пеш аз фарсуда шуданаш анҷом медиҳад, сармояи ба он сарфшударо бо фоидаи муқаррарӣ иваз менамояд.

# Ташаккули рушди сармояи инсонӣ дар рушди инноватсионии менеҷменти касбӣ

Шахсе, ки бо меҳнати зиёд ва муддати дуру дароз ягон касберо, ки маҳорати фавқулоддаро талаб мекунад, аз худ намудааст, бо ҳамон дастгоҳи гаронбаҳо муқоиса менамояд»[1].

Ба андешаи олимони дигари машҳури соҳа А.А. Федченко ва С.М. Полухина чунин мефармоянд: «Сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ омилҳои муҳимтарини калидӣ ба шумор рафта, воридшавӣ ба иқтисодиёти навро фароҳам меорад.

1.Smith A. (2007). Issledovanie o prirode i prichinakh bogatstva narodov. Moscow, Eksmo, 958 p.

# Ташаккули рушди сармояи инсонӣ дар рушди инноватсионии менеҷменти касбӣ

Барои ноил гардидан дар рушди сармояи инсонӣ таваҷҷӯҳи махсусро барои омода намудани мутахассисони баланди ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат тавассути низоми муосири таҳсилоти касбӣ равона намудан зарур аст»[1].

1. Федченко А.А., Полухина С.М. Оценка влияния человеческого капитала на уровень средней заработной платы в – Воронеж, 2016. – С.311.

# Ташаккули рушди сармояи инсонӣ дар рушди инноватсионии менеҷменти касбӣ




**Расми 1. Рушди сармояи инсонӣ дар иқтисодиёт (аз ҷониби муаллиф дар асоси сарчашмаҳои интернетӣ таҳия карда шудааст.)**

# Ташаккули рушди сармояи инсонӣ дар рушди инноватсионии менеҷменти касбӣ

Рушд ва инкишофи сармояи иносонӣ дар шароити иқтисодӣ аз усулҳо ва воситаҳои рушддиҳандаи захираҳои инсонӣ сарчашма мегирад, ки онро мо дар расми 1 нишон додаем.

Дар шароити муосир рушди захираҳои инсонӣ аз институтҳо ва манбаҳои асосии сармоягузориҳо, ки талаботи асосии захираҳои инсонӣ ба ҳисоб меравад, сарчашма мегирад.

# Хусусиятҳои асосии рушди сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ

Рушд ва ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар иқтисодиёт, аз ҷамъият, муассиса, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва ташкилотҳо шурӯъ мегардад.

Инҳо институтҳое ҳастанд, ки барои инкишофи сармояи инсонӣ дар иқтисодиёт мусоидат менамоянд.

Дар шароити иқтисодӣ манбаҳои асосии маблағгузории захираҳои инсонӣ худи шахси омодашаванда ба шумор мераванд. Маблағгузориҳои мазкур дар шароити навин бояд бе натиҷа набошад, зеро мутахассиси омодашаванда шахсе бошад, ки дорои қобилиятҳои баланди эҷодӣ, дониш, маҳорат ва малакаи баланди тахассусиро дошта бошад, ки ба талаботи бозори меҳнат рақобатпазир бошад.

# Хусусиятҳои асосии рушди сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ

Афзоиши сармояи инсонии инфиродӣ захираи сармояи инсониро дар сатҳи мамлакат бештар намуда, он дар иқтисодиёт барои истеҳсоли бештари молҳои технологияҳои баланд истифода мегардад. Ин андеша як пешравии ҳақиқии назарияи иқтисодӣ гардид, зеро пеш аз эҷодиёти Шулс ва Беккер маориф ва тандурустӣ молҳои истеъмоли халқ ба шумор мерафтанд ва арзиши онҳо бо истеъмол алоқаманд буд.

# Хусусиятҳои асосии рушди сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ

Дар соҳаи маориф ва тандурустӣ сармоягузориро аз истеъмолот ҷудо намудан хеле душвор аст, зеро молу хизматҳо қисматҳои сармоягузорӣ ва ҳам қисмҳои истеъмолиро дар бар мегиранд ва пас аз пур гардидани қисматҳои сармоягузорӣ, истеъмоли минбаъда дигар сармояро афзоиш намекард.

Чунон ки асосгузори назарияи сармояи инсонӣ Г. Беккер мефармояд: ҳама чизеро, ки тавассути маблағгузорӣ ба маориф, таҳсилот, тандурустӣ равона мегардад ва дар оянда самараи муфид ба вуҷуд меорад, сармояи инсонӣ меноманд.

# Хусусиятҳои асосии рушди сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ

Қайд намудан зарур аст, ки ягона объекте, ки ба он сармоягузорӣ мегардад ва он натиҷаи самарабахш ба бор меорад ин сармоягузорӣ ба инсон ба шумор меравад.

Дар шароити муосир аксарияти ташкилотҳову корхонаҳо кӯшиш менамоянд, ки барномаҳои дарозмӯҳлат қабул намоянд ва барои омода намудани мутахассисони дорои дараҷаи баланд як қатор имкониятҳо фароҳам оваранд:

- Ҳавасамандӣ;
- Додани мукофотпулиҳо барои ҳосилнокии баланди меҳнат;
- Таъмини кормандон бо ҷойи зист;
- Баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии кормандон.

# Хусусиятҳои асосии рушди сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ

Яъне, сармоягузорӣ ба инсон манбаест, ки барои беҳтар идора кардани истеҳсолот ва ҷиҳати ба даст овардани фоидаи ҳамешагӣ мусоидат менамояд.

Ба андешаи Г. Беккер «Захираи оядаи дониш дар малака, маҳорат қобилият, эъҷодиёт ва ҳавасмандӣ сармояи инсонӣ фаҳмида мешавад»[1].

1. Ғаниев Т.Б. Менеҷмент: Муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ. – Душанбе, «Ирфон». – 2017. – 450с.

# Хусусиятҳои асосии рушди сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ

Дар навбати хеш Т. Шулс чунин мефармояд: «Сармояи инсонӣ ин сарчашмаи асосии даромади оянда ба ҳисоб меравад. Зеро сармояи инсонӣ аз инсон вобаста буда, аз он ҷудо намегардад»[1].

Қайд намудан зарур аст, ба андешаи Беккер ва Шулс, нақши сармояи инсонӣ дар рушд ва ташаккули ҷамъият аҳамияти аввалиндараҷаро тақозо менамояд.

Барои дар оянда беҳтару хубтар роҳандозӣ намудани бахшҳои иқтисодӣ ин тайёр намудани мутахассисони баланди касбӣ ба шумор меравад.

1. Ғаниев Т.Б. Менеҷмент: Рушди неруи инсонӣ. – Душанбе, «Ирфон». –520 саҳ.

# Хусусиятҳои асосии рушди сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ

Л. Туроу «сармояи инсониро ҳамчун маҳорати истеҳсолӣ, қобилиятҳои эъҷодӣ ва донишҳое мешуморад, ки шахс соҳиби он аст, маънидод намудааст»[1]. Ба андешаи Ҷ. Кендрик идоранамоии сармояи инсонӣ дониши инсон, малака, маҳорат ва қобилиятҳои эъҷодии ӯро маънидод менамояд. Баъд аз чунин таҳқиқотҳои илмӣ асосёфтае, ки аз ҷониби олимони барҷастаи соҳаи иқтисод ба вуқӯъ омада, чунин хулоса намудан зарур аст, ки сарчашмаи ягонаи сармоягузорӣ ба пешрафти истеҳсолот ва рушд намудани он нақши ҳалкунандаро мебозад, ин сармояи инсонӣ фаҳмида мешавад.

1. Thurow L. Investment in Human Capital. – Belmont, 1970.

# Хусусиятҳои асосии рушди сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ

Ба андешаи Искандаров Ҳ.Ҳ. ва Абдуллозода Р.А. гузариш ба муносибатҳои навини иқтисодӣ, яъне иқтисодиёти муосир чӣ дар доираҳои истеҳсолот, тақсимот, мубодила ва чӣ дар истеъмолот, ки қисматҳои асосии дилхоҳ иқтисодиёт ҳисобида мешаванд, инсонҳоро водор месозад, ки дар ҳар яке аз ин доираҳо усулҳои навини истифодабарии захираҳоро омӯзад, ки он дорои чунин шаклҳо мебошад:

# Хусусиятҳои асосии рушди сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ

- дар доираи истеҳсолот – тайёр намудани маҳсулоти фармоишӣ бо техникаю технологияҳои нав, ки талаботи асосии истеъмолии имрӯза инро талаб карда истодааст;
- дар доираи тақсимот – дастрасии молу маҳсулот, бо кушодани суратҳисобҳои суроғавӣ ва ба воситаи онҳо сари вақт пешкаш намудани молу маҳсулоти истеҳсолшуда;

# Хусусиятҳои асосии рушди сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ

- дар доираи мубодила – адолат дар мубодилаи навини иқтисодӣ, яъне мубодилаи маҳсулот ба воситаи пулҳои электроние, ки дар суратҳисобҳои ҳам истеҳсолкунанда ва ҳам истеъмолкунанда мавҷудбуда, амалӣ карда мешавад;

- дар доираи истеъмолот – самаранок истифода намудани молу маҳсулот, он харҷҳое, ки дар истеҳсоли молу маҳсулот масраф мешаванд, ба қадри онҳо расидан[1].

1. Искандаров Ҳ.Ҳ., Абдуллозода Р.А. Хусусиятҳои омодакунии кадрҳо дар шароити иқтисодиёти рақамӣ //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе: «СИНО», 2018. - № 5. - С.45.

# Хусусиятҳои асосии рушди сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ

Идоракунии истеҳсолоти инноватсионӣ ва хусусияти асосии иқтисодиёти муосир аз дониш, малака ва маҳорати эҷодии корманд вобастагии дорад. Инчунин дар асоси дониш малака ва маҳорати эҷодӣ ҳамзамон, таъсири асосии иқтисоди инноватсионӣ дар асоси донишҳо ва ташкили роҳҳои навини камхароҷот истеҳсол кардани маҳсулоти навин дида мешавад, ки дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт истифода бурда мешавад.

# Хусусиятҳои асосии рушди сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ

Мувофиқ ба ин гуфтаҳо олимони рус Е.Н. Лобачева ва Л.Н. Борисенкова дар мақолаи худ «Нақши сармояи инсонӣ дар идоранамоии иқтисодиёти инноватсионӣ» ин гуфтаҳоро чунин маънидод менамоянд: «Самаранокии фаъолияти инноватсионӣ, дар инкишофёбии нақши қобилиятҳои инсон ва худидоракунии он, ки вобастагии қавии раванди истеҳсолоти инноватсионӣ ва инкишофёбию мукаммалгардии худи субъекти ин иқтисодиёт дониста мешавад»[1].

1. Лобачева Е.Н., Борисенкова Л.Н. Роль человеческого капитала в инновационной экономике.

# Хусусиятҳои асосии рушди сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ

Ба андешаи мо, барои дар оянда дуруст ба роҳ мондани бахшҳои иқтисодӣ, пеш аз ҳама ин омода намудани мутахассисони баланди касбӣ ба шумор меравад. Қайд намудан зарур аст, ки мо истифодаи таҷрибаи мамлакатҳои хориҷиро борҳо оид ба ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ мавриди баррасӣ қарор додем, ки онҳо чӣ тавр барои рушд ва ташаккули сармояи инсонӣ аз усулҳо ва таҷрибаҳои муосир истифода намуданд. Пеш аз омухтан метавон дарк намуд, ки истифодаи кадоме аз таҷрибаҳо ба ҳаёти иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷабахш аст.

# Омилҳои асосии рушди инноватсионии менеҷменти касбӣ дар иқтисодиёт

Бахри рушд ва инкишофдиҳии иқтисодиёти ҷумҳурӣ зарур аст, ки аз имкониятҳои доштаи худ самаранок истифода намуда, ояндаи иқтисодиёти ҷумҳуриро аз хатарҳои берунӣ эмин нигоҳ дорем.

Асоси рушд ва инкишофёбии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нуқтаи назари ташкилӣ дар шароити таъсири манфии омилҳои берунӣ ба иқтисодиёти кишвар, имкониятҳои иқтисодии он бояд ҳамчун маводи асосии бехатарии иқтисодӣ дида баромада шавад.

# Омилҳои асосии рушди инноватсионии менеҷменти касбӣ дар иқтисодиёт

Дар ин шароит мақсаднок истифодабарии захираҳои табиӣ ва захираҳои инсонӣ дар минтақаҳо, ҳамчунин мустаҳкамнамоии имкониятҳои институтсионалӣ дар самти баландбардории самаранокӣ, диверсионӣ ва рақобатнокии захираҳои мавҷуда ва имконияти муайянамоии сатҳи саноатикунонии ояндаи рушди кишвар муайян карда мешавад. Ин гузаришро аз кишвари аграрӣ-саноатӣ ба кишвари саноатӣ-аграрӣ таъмин намуда, саҳми соҳаи саноатиро дар ММД нисбат ба соҳаи кишоварзӣ бештар менамояд.

# Омилҳои асосии рушди инноватсионии менеҷменти касбӣ дар иқтисодиёт

Асоси рушд ва инкишофёбии саноатикунонии иқтисодиёти кишвар ин бештар дар доштани корхонаҳои истеҳсолии саноатӣ дида мешавад, ки ин бевосита аз омоданамоӣ ва доштани мутахассисони ҳирфаии замони муосир, яъне сармояи инсонӣ шаҳодат медиҳад.

Рушду инкишофёбии сармояи инсонӣ, ки дар шароити иқтисодиёти имрӯза асоси сармояи рушдёбандагиро ташкил менамояд, аз қисмати асосии он, оила шурӯъ мешавад. Оила ин асоситарин институтест, ки ба тарбияи наврасе, ки дар ин ҷо ба воя мерасад, саҳми назарраси худро мегузорад.

# Омилҳои асосии рушди инноватсионии менеҷменти касбӣ дар иқтисодиёт

Дар ҳолате, ки ин институт солим бошад, фарзанди бавоярасидаи он низ солим тарбия меёбад. Тарбияи пурра ёфтани фарзанд дар оила ин аз солим будани аъзоёни ӯ вобастагӣ дорад. Аъзои хонавода агар солим бошанд, дониши хуб дошта бошанд, аз ҳаводиси ҳаррӯзаи ҷараёни иқтисодиёт бохабар бошанд ва ба тарбияи фарзанд аҳамияти ҷиддӣ диҳанд, баъд фарзанди солим тарбия карда мешавад.

# Омилҳои асосии рушди инноватсионии менеҷменти касбӣ дар иқтисодиёт

Дар баробари ин гуфтаҳо Ҳукумати кишвар низ кӯшишу заҳмат намуда истодааст, ки ҳар як шаҳрванди ӯ чи аз нуқтаи назарӣ иҷтимоӣ ва чи аз нуқтаи назари иқтисодӣ солим ба воя расида, дар рушд ва инкишофёбии иқтисодиёт саҳми назаррасе гузошта бошад. Бинбар ин ҳамаи он қонуну қонунгузорие, ки оид ба тарбияи фарзанд, аз ҷониби Ҳукумати кишвар андешида мешаванд муҳиммияти махсуси худро доранд.

# Омилҳои асосии рушди инноватсионии менеҷменти касбӣ дар иқтисодиёт

Чӣ гунае ки соли 2011-ум аз ҷониби Ҳукумати кишвар, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» қабул карда шуд, ки «мақсади Қонуни мазкур пурзӯр намудани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд дар рӯҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ, инчунин ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои фарзанд мебошад».

# Омилҳои асосии рушди инноватсионии менеҷменти касбӣ дар иқтисодиёт

Фарзанде, ки дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва инсондӯстӣ, тарбия карда мешавад, ба арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ эҳтиром мегузорад. Қонуни зикршуда, ҳуқуқу уҳдадориҳои фарзандро ба ӯ омӯхта, ҳифзи манфиатҳои ӯро дар ҷамъият нишон медиҳад.

Солимии оила аз нуқтаи назари иқтисодӣ ин аз сатҳи даромад ва аз сатҳи хароҷотнамоии он низ ба ҳисоб меравад. Агар мо ба сатҳи даромаднокии аҳолӣ дар солҳои охир назар намоем, мебинем, ки сатҳи даромаднокии аҳолӣ сол аз сол зиёд гардидааст.

# Омилҳои асосии рушди инноватсионии менеҷменти касбӣ дар иқтисодиёт

Харҷнамоии аҳолӣ бевосита ба эҳтиёҷоте, ки онҳо доранд, вобаста аст. Эҳтиёҷот ҳар қадар зиёд шавад, харҷнамоӣ низ ҳамон қадар боло рафтан мегирад. Ин эҳтиёҷот ҳастанд, ки инсонҳо барои дар як сатҳи муайян онҳоро қонеъ намудан, ба фаъолиятҳои гуногун машғул мешаванд. Ин фаъолиятнамоии инсонҳо аз дараҷаи дониш ва малакаи онҳо вобаста аст. Инсонҳое, ки дар як доираи муайян рушд ва инкишоф ёфтаанд, яъне дорои сармояи волои инсонӣ мебошанд, метавонанд, ки ин эҳтиёҷотҳои худро то дараҷае пурра қонеъ намоянд ва зиндагии хуби инсониро дошта бошанд.

## Омилҳои асосии рушди инноватсионии менеҷменти касбӣ дар иқтисодиёт

Барои ноил шудан ба зиндагии хуб мо бояд ба он доираҳои асосие, ки инсон дар онҳо рушд ва инкишоф меёбад, аҳамияти аввалиндараҷа диҳем ва бояд ҳама он заҳматҳои кашидашуда бенатиҷа анҷом наёбад.

Дар шароити имрӯза бозори меҳнат аз ин институт тақозои онро дорад, ки фаъолияти хуби соҳибкориро дар худ бедор карда, доимо кӯшиш ба харҷ диҳад, ки талаботи асосии истеъмолии аҳолиро бо молу маҳсулоти ватанӣ таъмин намояд.

# Омилҳои асосии рушди инноватсионии менеҷменти касбӣ дар иқтисодиёт

Фаъолияти соҳибкории инсонҳо ин пеш аз ҳама бо ҷои корӣ таъмин намудани шахсони бекор, ворид намудани молу маҳсулоти босифати ватанӣ ва ба даст овардани даромади бисёрро кафолат медиҳад. Аз ин ҷост, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ оид ба вусъат додан ба фаъолияти соҳибкорӣ қайд намуданд:

# Омилҳои асосии рушди инноватсионии менеҷменти касбӣ дар иқтисодиёт

«Бо мақсади баланд бардоштани савияи донишҳои ҳуқуқӣ, молиявӣ ва иқтисодии соҳибкорон, расонидани кумак барои таҳияи лоиҳаҳои тиҷоратӣ ва дарёфти роҳҳои татбиқи онҳо, бахусус, ба субъектҳои соҳибкории навтаъсис ва ҷалби ҷавонон ба фаъолияти соҳибкорӣ Ҳукумати Тоҷикистон ҷиҳати дар шаҳру ноҳияҳои кишвар ташкил намудани марказҳои хизматрасонӣ, ки дар як вақт вазифаи маркази таълимии соҳибкоронро иҷро мекунанд, чораҳои зарурӣ андешад.

# Омилҳои асосии рушди инноватсионии менеҷменти касбӣ дар иқтисодиёт

Инчунин, пешниҳод менамоям, ки бо мақсади дастгирии минбаъдаи соҳибкорон дар кишварамон “300 рӯзиислоҳот оид ба дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ” амалӣ карда шавад».

Дар баробари ин гуфтаҳо ҳаминро қайд карданием, ки фаъолияти идоранамоии инсон яке аз унсурҳои асосии сармояи инсонӣ буда, дар асоси омӯзиши доираи истеъмолии аҳолӣ ва такмилу инкишофёбии донишҳои инсон рушд ва вусъат меёбад.

## Омилҳои асосии рушди инноватсионии менеҷменти касбӣ дар иқтисодиёт

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш бар он намуда истодааст, ки дар баробари се ҳадафи асосие, ки боиси рушд ва инкишофёбии иқтисодиёти ҷумҳурӣ дониста мешавад, ҳадафи чорум-саноатикунонии иқтисодиёти кишварро ба роҳ монад. Барои ба ин ҳадаф сазовор гардидан, пеш аз ҳама ташкили корхонаҳои саноатии истеҳсолӣ ва беҳтарин мутахассис ба мо лозим аст, чунки бе мутахассиси касбӣ мо фаъолияти дилхоҳ корхонаи истеҳсолиро ба роҳ монда наметавонем.

# Омилҳои асосии рушди инноватсионии менеҷменти касбӣ дар иқтисодиёт

Аз нигоҳи илми иқтисодӣ мавҷи сеюмро замони иқтисоди иттилоотиву инноватсионӣ ё худ «иқтисоди донишҳо» меноманд, ки дар шароити муосир ҷавҳари асосии рушд бояд танҳо дониши касбиву ҳунарӣ дониста шавад. Агар мо каме ба таҷрибаи давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон назар намоем, ба мо маълум мегардад, ки идоранамоии хуби сармояи инсонӣ, то кадом андоза ба рушд ва инкишофёбии иқтисодиёти ин давлатҳо саҳми назаррасе доранд.

# Омилҳои асосии рушди инноватсионии менеҷменти касбӣ дар иқтисодиёт

Рушд ва инкишофёбии сармояи инсонӣ дар шароити зудтағйирёбандаи иқтисодиёт ба институтҳое, ки инсонҳо дар онҳо рушд ва ташаккул меёбанд, вобаста аст. Ин институтҳоро дар шароити имрӯза бо чунин тарз ҷобаҷо гузоштан мумкин аст: оила, ҷамъият, мактаб, донишгоҳ ва ташкилот. Яъне сармояи инсонӣ, ки дорои тарбияи хуби инсонӣ, ахлоқи баланди ҷамъиятӣ, одоби намунавӣ, маърифати баланди касбӣ ва мутахассиси ҳирфаии замонавӣ буда, дар институтҳои номбурдашуда, рушд ва инкишоф меёбанд.

# Омилҳои асосии рушди инноватсионии менеҷменти касбӣ дар иқтисодиёт

Ҳамин тариқ, маълум мегардад, ки рушди сармояи инсонӣ пойдевори асосии иқтисоди зудтағйирёбандаи инноватсионӣ буда, имконоти васеи амалисозии эҷоду кашфиёт ва тавонмандию ҳунарҳои нотакрори инсониро доро мебошад. Аз ҷониби дигар, иқтисоди инноватсионӣ низ худ муҳити созандаи касбиву ҳунарӣ, имконоти васеи амалисозии истеъдоду тавонмандии касбию ҳунарии ташаккулёбии сармояи инсонӣ мебошад.

# ХУЛОСА

Иқтисоди донишҳои инсонӣ бошад, ин худ рушди бевоситаи илмиву техникӣ ва технологиву инноватсионии идоранамоии инсонҳо буда, дар асоси дарачаи баланди рақобатнокии шадиди бозорҳои глобалии чаҳонӣ ва дохилӣ рушд, инкишоф ва ташаккул ёфта, асосашро зеҳни бениҳоят баланди нерӯи инсонӣ, истеъдоди баланди созандагиву тавлиди моли навин ва кашфиёту ихтирооти бузурги нодири чаҳонӣ ташкил медиҳанд, ки сарчашмаи пайдоишашон инсонҳои бавоярасидаи комили касбӣ ва донишмандону ихтироъкорони ҳирфавии чаҳони имрӯза мебошанд.

# Адабиёт:

1.Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28.12.2023.

2. Давлатов С.Н. Идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳонишавии иқтисодӣ, Диссертатсия. Душанбе 2022, саҳ 119.

3. Хайкин М.Н. Эволюция теории человеческого капитала. –Эл. Ресурс: режим доступа: https://ner.ru/news.

4. Smith A. (2007). Issledovanie o prirodei prichinakh bogatstva narodov. Moscow, 958 p.

5. Федченко А.А., Полухина С.М. Оценка влияния человеческого капитала на уровень средней заработной платы в – Воронеж, 2016. – С.311.

6. Ғаниев Т.Б. Менеҷмент: Муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ. – Душанбе, «Ирфон». – 2017. – 450с.

7.Искандаров Ҳ.Ҳ., Абдуллозода Р.А. Хусусиятҳои омодакунии кадрҳо дар шароити иқтисодиёти рақамӣ //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ.

- Душанбе: «СИНО», 2018. - № 5. - С.45.

8. Лобачева Е.Н., Борисенкова Л.Н. Роль человеческого капитала в инновационной экономике.